**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзӯи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯй ихтисоси 03.03.01 – Физиология пешниҳод гардидааст.

Муҳақиқон дар саросари руйи олам омухтаанд, ки ҳангоми иҷрои тамрини дарозмуддат дар бадани варзишгарон равандҳои физиологӣ ба амал меоянд, ки баъдан дар организм осори худро мегузоранд. Чунин равандҳоро мо ҳангоми иҷрои корҳои ҷисмонӣ, дар ҷараёни тамрин ва мусобиқаҳои варзишӣ мушоҳида мекунем.

Дар вақти тамрини пуршидат ва максималӣ тағйирот дар равандҳои физиологии бадани варзишгарон ба вуҷуд меояд, ки афзоиши сарфи энергияро ба амал оварда, баъдан ба коҳиш ёфтани қобилияти амалҳои ҷисмонӣ мегардад. Дар аксарияти ҳолатҳо организм то ҳадди муайян қобилияти мутобиқшавӣ ва барқарор кардани фаъолияти физиологиро амалӣ месозад, дар ҳолатҳое, ки захираҳо тамом шудаанд, дар ҷараёнҳои физиологӣ тағйироти амиқ ва халалдоршавӣ ба амал меояд.

Барои барқарор намудан ва эътидол овардани фаъолияти организм мийдори зиёди вакт сарф мешавад ва баъзан равандҳои барқароршавӣ аз сабаби тағйироти зараровар дар сохтори узвҳо ё системаи узвҳо ғайриимкон мегардад.

Бо ин мақсад олимои соҳаи тиб ва биологияро зарур аст, ки аз олами набототи ҷумҳурӣ маводҳои гуногуни табииеро интихоб намоянд, ки хусусияти нерубахшӣ, дошта бошанд, кувваи ҷисмониро барқарор намоянд ва барои организм тамоман безарар мебошанд.

Автореферата дисертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон», ба яке аз самтҳои муҳим ва актуалии илми

равона шудааст. Муаллиф бо истифода аз маҷмӯи усулҳои муосири омӯзиш таъсири шарбати гиёҳҳои ширинбия, заринреша ва качим ҳангоми тамрин бо истифода аз санҷишҳои физиологии Шафранский, Штанге, ва Гечи ба фаъолияти нишондодҳои системаи нафаскашӣ таъсири мусби расонида, баъсомади нафаскаширо кам намуда бо оксиген таъминшавии организмро беҳтар намудааст. Аз натиҷаҳои ба дастомадаи дисертант маълум гардид, ки шарбатҳои оӯхташаванда ба фаъолияти кори дил ва фишори шараёнӣ дар ҳолати оромӣ каме баланд гардида, ҳангоми иҷроиши сарбории ҷисмонӣ ва истеъмоли дуру дарози он нишондодҳои физиологии организми варзишгарони соҳаи гӯштингирӣ муътадил гардидааст.

Нававарии кори илмӣ дар он ифода меёбад, ки ҳангоми истифодаи шарбати ширинбия, заринреша ва качим дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ микдори эритроситҳо ва консентратсияи гемоглобин баланд гардида, микдори лейкоситҳо ва қобилияти муҳофизатии онҳо беҳтар мегардад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои мазкур пас аз сарбории ҷисмонӣ микдори гюкоза, чарбҳо кам гардида микдори сафедаҳо зиёд мегардад. Ҳамзамон дар зери таъсири шарбати растаниҳои ширинбия, заринреша ва качим фаъолияти ферментҳо муътадил гардида қобилияти бо энергия таъминкунии мушакҳо беҳтар мешавад.

Унвонҷӯ зери санҷишҳои қиёсиихусусиятҳои мутобиққкунандаҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим муайян сохт, ки аз ҷиҳати таъсир нисбати кори дил, ҳаҷми ҳаётии шуш, микдори эритроситҳо консентратсияи гемоглобин, микдор ва фаъолияти лейкоситҳо, микдори сафедаҳо ва чарбиҳо дар ҷайи аввал шарбати качим, дар ҷайи дуюм шарбати заринреша ва дар ҷойии сеюм шарбати ширинбия қарор дорад.

Бо дар назардошти аҳамияти назариявӣ ва амалӣ ва навоварӣ кори унвонҷӯ дар организми варзишгарон ба дараҷаи баланди иҷрои корҳои таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳо, автореферати Орзуҷон Зафар дар мавзуи “Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L))

ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон” ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои биология,
ходими калони илмии озмоишгоҳи технологияи инноватсионии моддаҳои фаъоли биологии Института ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ Убайдулло М.О.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский,
бинои 70/2, ҳуҷраи 66. Тел.: (+992) 93-106-93-93,
E-mail: muhamad_0505@mail.ru

«_13_»___01___соли 2026

Имзои Убайдулло М.О. ро тасдиқ мекунам
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Института ботаника, физиология
ва генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.

Подпись ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ 2026

734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, кучаи Карамов 27
тел: (+992-37) 224-71-88; 225-80-83. E-mail: Ibfgr@bk.ru

«_14_»___01___соли 2026

15.01.2026.